***Қисми 1: ҳар як супориш бо 0,9 хол баҳогузорӣ карда мешавад***

1. Кадом намуди мубтадо бо исм, ҷонишин ва масдар ифода меёбад?
А) мубтадои чида
Б) мубтадои ночида
В) мубтадои бешахс
Г) мубтадои тафсилӣ

2. Нахустин ҳикояи Чингиз Айтматов бо кадом ном соли 1952 чоп шудааст?
А) «Сепоячӣ»
Б) «Рӯзномафурӯш Дзюдо»
В) «Борони сафед»
Г) «Дар замини лалмӣ»

3. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа дар як ҷо омадани ду пайвандаки тобеъкунанда мумкин аст. Дар ин маврид дар байни пайвандакҳои тобеъкунанда чӣ гуна аломат гузошта мешавад?
А) аломати тире гузошта мешавад
Б) аломати нуқта вергул гузошта мешавад
В) ҳеҷ гуна аломат гузошта намешавад
Г) аломати ду нуқта гузошта мешавад

4. Кадом асари Саноӣ аз 10 ҳазор байт иборат буда, фарогири муҳимтарин масъалаҳои ахлоқиву таълимӣ буда, ин асар дар байни соликон ба асари хонданӣ табдил ёфта буд, ба ин маъно, ки донишмандон бисер масъалаҳои муҳими тариқатро дар байтҳои он пайдо намуда, ба муридон талқин менамуданд?
А) «Илоҳинома»
Б) «Фахринома»
В) «Сайр-ул-ибод илал-маод»
Г) «Ҳадиқа»

5. Ҳолати рӯҳӣ ва ҳиссиёту ҳаяҷоне, ки ба воситаҳои гуногуни забонӣ ифода карда мешавад, дар услубшиносӣ чӣ ном дорад?
А) мафҳуми ҳиссӣ-муассирӣ
Б) мафҳуми тобиши услубӣ
В) мафҳуми имконоти услубӣ
Г) мафҳумҳои ҳиссӣ-услубӣ

6. Кадом адиб соли 1922 манзумаи «Афсона»-ро, ки намунаи аввалини шеъри нави форсӣ медонанд, эҷод карда буд?
А) Садриддин Айнӣ
Б)  Нимо Юшич
В) Садри Зиё
Г) Тошхоҷаи Асирӣ

7. Фанни «Маданияти сухан» ба фанҳои гуногун, аз ҷумла бо кадом фан иртибот дорад?
А) адабиётшиносӣ
Б) шевашиносӣ
В) забоншиносӣ
Г) овозшиносӣ

8. Кадом асари ҳаҷвии Эраҷ Мирзо бо маҳорати тамом навишта шуда, иллат ва нуксонҳои ҷамъияти онвақтаи Эронро фош месозад?
А) «Инқилоби адабӣ»
Б) «Дӯстдори Эрон»
В) “Муҳаббати модар”
Г) «Орифнома»

9. Пуркунандаҳои бевосита ва бавосита дар ҷумла чида шуда, байни худ ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда ва оҳанг алоқаманд гашта, чиро аз ҳар ҷиҳат эзоҳ медиҳанд?
А) хабари ҷумларо
Б) мубтадои ҷумларо
В) пуркунандаи ҷумларо
Г) муайянкунандаи ҷумларо

10. Дар кадом асари Саноӣ чордах номаи шоир фароҳам омада, аз ҷумла се нома ба унвони Умари Хайём навишта шудааст, ки робитаву алоқаи шоирро бо Умари Хайём тасдиқ мекунад?
А) «Сайр-ул-ибод»
Б) “Макотиби Саноӣ”
В) «Тариқат-ут-таҳқиқ»
Г) «Таҳримат-ул-қалам»

***<u>Қисми 2: ҳар як супориш бо 1,5 хол баҳогузорӣ карда мешавад</u>***

11. Ҷумлаи мураккаби сертаркибе, ки аз се ва ё зиёда ҷумлаҳои содда дар асоси ҳар ду навъи алоқаи дастури забон (ҳам алоқаи пайваст ва ҳам алоқаи тобеъ) ташаккул меёбад, чӣ ном дорад?
А) ҷумлаи мураккаби сертаркиби ғайричида
Б) ҷумлаи мураккаби сертаркиби омехта
В) ҷумлаи мураккаби сертаркиби омехта
Г) ҷумлаи мураккаби сертаркиби чида

12. Кадом адиб дар бораи Айнӣ навиштааст: «Дар мавҷҳои таърих халқро нишон додан аз ракурсҳои Айнӣ мебошад. Айнӣ бисёр асарҳои хурду калони аҷоиб дорад, ман мутолиакунандагонро барои шинос шудан бо қиссаи ҳаҷвии ӯ «Марги судхӯр» даъват мекунам. Дар он ҷозибаи ниҳоят зиёд мавҷуд аст. Умедворам, ки ба ин санъаткорони сухан (Садриддин Айнӣ ва Мухтор АвезоВ) мурочиат карданро мутолиакунандагон аз ман ибрат мегиранд» надидаам» он кист, муайян кунед?
А) Бердӣ Карбобоев
Б) Сотим Улуғзода
В) Ҷалол Икромӣ
Г) Чингиз Айтматов

13. Кадом калима бо истилоҳи «стил» муродиф ба шумор меравад?
А) услуб
Б) тақвим
В) меъёр
Г) луғат

14. Абдулло Орифов аввалин бор кадом шеърҳои худро дар мушоираи шоирон хонда, сазовори илтифоти Абдулло Қаҳҳор гардидааст?
А) “Сароб” ва “Чашми Ӯзбекистон”
Б) «Муноҷот мекунам» ва «Уқоб»
В) “Аз мост” ва “Баҳор”
Г) “Савғо” ва “Лаклаки теппаи Манори калон”

15. Алоқаи маданияти нутқ бо кадом  фан дар дуруст кор фармудани овозҳои нутқ зоҳир мегардад?
А) луғатшиносӣ
Б) шевашиносӣ
В) овозшиносӣ
Г) адабиётшиносӣ

16. Аттор берун аз девон наздики чаҳор ҳазор рубоӣ суруда, аз онҳо ҳазортояшро ихтисор ва боқимондаашро аз руйи мавзӯъ табақибандӣ карда, чӣ ном ниҳодааст?
А) «Мусибатнома»
Б) «Илоҳинома»
В) «Асрорнома»
Г) «Мухторнома»

17. Баъд аз калимаҳои хулосакунандаву пеш аз аъзоҳои чидаи ҷумла калимаҳои масалан, чунончи ва ғайра истифода мешаванд. Пеш аз аъзоҳои чида кадом аломат гузошта мешавад?
А) аломати ду нуқта
Б) аломати нуқта вергул
В) аломати савол
Г) аломати хитоб

18. Кадом донишманд соли 1945 бо устод Айнӣ вохӯрда, дар як асари худ менависад: «Ман одамеро, ки ба Айнӣ баробар шуда тавонад, надидаам» он кист, муайян кунед?
А) Чингиз Айтматов
Б)  Сарвари Гуё
В) Бердӣ Карбобоев
Г) Садри Зиё

19. Азбаски дар ҷумлаҳои мураккаби омехта ҷумлаҳои содда дар асоси ҳар ду навъи алоқаи наҳвӣ (алоқаи пайваст ва алоқаи тобеъ) корбаст шудаанд, дар байни онҳо аломатҳои китобат мувофиқи қоидаи аломатгузории ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ гузошта мешаванд. Агар дар як таркиби наҳвӣ якчанд хели ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб омада бошанд, ҷумлаҳо ба гурӯҳҳои наҳвӣ ҷудо карда мешаванд. Дар ин маврид дар байни ҷумлаҳои мураккаб кадом аломат гузошта мешавад?
А) аломати вергул (,)
Б) аломати тире (-)
В) аломати нуқтавергул (;)
Г) аломати ду нуқта (:)

20. Кадом адиб навишта буд, ки Ҷонибек «шаҳпуле буд миёни тоҷикону ӯзбекон. Осори тоҷикиро ба ӯзбекӣ, осори ӯзбекиро ба тоҷикӣ тарҷума мекард. Миёни тоҷикону ӯзбекон ҳамеша тор метанид, ба хотири дӯстӣ, бародарӣ, ҳамдиливу ҳамзабонӣ, ваҳдати маънавӣ ва рӯҳонӣ...метапид, мекоҳид, месӯхт», он кист муайян кунед?
А) Абдулло Орифов
Б) Чингиз Айтматов
В) Бозор Собир
Г) Лоиқ Шералӣ

**_Қисми 3: ҳар як супориш бо 2,6 хол баҳогузорӣ карда мешавад_**

21. Дар кадом намуди услуб ҳама гуна унсурҳои луғавӣ: калимаҳои умумиистеъмолӣ ва обуранги услубию ҳиссӣ дошта, таъбиру калимаҳои малеҳ (орифонА) ва қабеҳ (омиёнА), унсурҳои луғвии адабию ғайриадабӣ (лаҳҷагӣ, кӯҳнашуда, бегонА), воҳидҳои фразеологӣ, ифодаҳои маҷозӣ, ташбеҳоти мардумӣ, суханони кинояву муболиғаомез, таъбирҳои пандомӯз ва ғайра ба кор бурда мешаванд?
А) услуби бадеӣ
Б) услуби китобӣ
В) услуби илмӣ
Г) услуби гуфтугӯӣ

22. Кадом асари Аттор аз 7000 байт иборат буда, дар асар оиди мубоҳисаи падар ва шаш нафар писарони ӯ баҳс меравад?
А) «Футувватнома»
Б) «Илоҳинома»
В) «Тазкират-ул-авлиё»
Г) «Шарҳ-ул-қалб»

23. Алоқаи кадом фан бо сарфу наҳв дар талаби дуруст ва бамаврид кор фармудани қолибҳои дастурии забон зоҳир?
А) овозшиносӣ
Б) луғатшиносӣ
В) маданияти сухан
Г) каломи бадеъ

24. Кадом адиб баъди мутолиаи “Ёддоштҳо” ба Садриддин Айнӣ лақаби “Байҳақии замон”- ро медиҳад?
А) Саид Нафисӣ
Б) Сарвари Гӯё
В) чингиз Айтматов
Г) Шафеии Кадканӣ

25. Дар ҷумлаи мураккаби пайвандакдор муносибати маъноӣ хеле рӯшан ва барҷаста ифода мегардад. Дар чунин ҷумлаҳо пайвандакҳо имкони рӯшантар ифода гаштани муносибатҳои маъноиро фароҳам меоваранд. Масалан, агар пайвандаки *«агар»* муносибати шарт, *«азбаски»* муносибати сабаб, *«вақте ки»* муносибати замонро ифода намояд, *«аммо»* чӣ гуна муносибатро ифода менамояд?
А) муносибати хилофиро
Б) муносибати маконро
В) муносибати ҳамроҳиро
Г) муносибати объектиро

26. Нахустин повести Саттор Турсун кадом аст, муайян кунед?
А) “Пайванд”
Б) «Сукути қуллаҳо»
В) “Ситораи корвонкуш”
Г) “Камони Рустам”

27. Дар кадом навъи услуб ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷон бо ёрии нидо, оҳанги гуфтор, саволу хитоби риторикӣ, муносибатҳои гуногуни гӯянда ба воситаи мухотаб, калимаҳои модалӣ, воҳидҳои туфайлӣ мушоҳида мешавад?
А) услуби бадеӣ
Б) услуби публитсистӣ
В) услуби гуфтугӯӣ
Г) услуби расмии коргузорӣ

28. Кадом асари Ҷалолиддини Балхӣ пеш аз шиносоии вай бо Шамси Табрезӣ навишта шуда, он ҳафт хитобаро дар бар мегирад, ки нишонаи гуфторҳои минбарии ӯст?
А) “Фиҳӣ мо фиҳӣ»
Б) «Мактубот»
В) “Маснавии маънавӣ”
Г) «Маҷолиси сабъа»

29. Куҳнатарин осори суханварӣ дар мағрибзамин ба Юнони бостонӣ ва ба қарни чандуми қабл аз милод иртибот дорад?
А) қарни панҷум
Б) қарни шашум
В) қарни ҳаштум
Г) қарни сеюм

30. Абулқосим Лоҳутӣ дар кадом шеъри худ эҳсосоти амиқи ватандӯстиро ифода карда, халқро ба ваҳдати миллӣ даъват мекунад?
А) «Эй ранҷбар»
Б) «Фарёди миллат»
В) «Ҳубб-ул-ватан мин-ал-имон»
Г) «Бозгашт ба Ватан»